# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Диссертатсияи Искандари Ориф ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои интисоб ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ бахшида шудааст. Арзиш ва навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он аст, ки дар адабиётшиносии ватанию хориҷӣ бори аввал таҳқиқи масъалаҳои интисоби ашъор, ҷанбаҳои шоиронагии калом ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ анҷом шудааст. Ҳамчунин, натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастоварда дар амалияи илми адабиётшиносии тоҷик дар пажӯҳиши масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои ғоявию бадеии асарҳои манзуму мансур ва баррасии куллиёту ҷузъиёти коргоҳи эҷодии адибон арзиши муҳим доранд.

Вобаста ба баррасии масъалаи хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ мабоҳиси сабкӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ки масъалаҳои аслию фаръии мазкур то ҳанӯз дар адабиётшиносии тоҷик ба таври мукаммалу ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд.

Маводди рисола ва хулосаҳои бадастовардаи унвонҷӯро зимни навиштани мақола, рисолаҳои таҳқиқотӣ ва ҳамчунин, ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, таҳияи курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик ва таҳқиқи ҷанбаҳои норавшани эҷодиёти Абдуллоҳи Ансорӣ, баррасии масъалаҳои алоқаманд ба хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори дигар адибон метавон мавриди истифода қарор дод.

Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия пажӯҳиши мустақилонаи муаллиф буда, мазмун, муҳтаво ва сохтори ягонаи дохилиро дар бар мегирад. Натиҷа ва нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми

шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 8 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва ҳамчунин, маводди донишномаӣ ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ низ ҳовии мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Искандари Ориф талаботи истифодаи мавод бо зикри номи муаллиф ва мушаххасоти маъхаз куллан риоя шудааст. Ин равиш аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои асосӣ оварда шуда, дурнамои мавзуи рисолаи диссертатсионӣ таъйин шудааст. Бо дарзанардошти аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии он, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» кори таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01

– Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

- **Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна** – номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Низомӣ Мухриддин Зайниддин

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Сироҷиддини Эмомалӣ

доктори илмҳои филологӣ, профессор — Худойдодов Аъзам

«21» ноябри соли 2024.